ФАРМОИШИ
РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «28» 02 соли 2025 № 79/шд ш. Душанбе

*Дар бораи фаъолияти шурои диссертатсионӣ*

Мутобиқи сархати 15 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бинобар ба талаботи банди 20 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ набудан, фаъолияти нокифоя ва ҷиҳати бозбинии ҳайати шуро, қабул ва баррасии диссертатсияҳо дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-034 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров манъ карда шавад.

2. И.в. мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Шомуродова З.М.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия чораҳои зарурӣ андешад.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2025, №3

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ